Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 05 соли 2014, № 12/41 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИИ ШӮРОИ ПЕДАГОГИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБИ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи намунавии Шӯрои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи намунавии муассисаи томактабӣ таҳия шудааст.
2. Низомномаи намунавии Шӯрои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ (минбаъд Низомнома) тартиби таъсис ва фаъолияти Шӯрои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабиро муайян менамояд.
3. Низомномаи мазкур фаъолияти Шӯрои педагогиро дар ташкилот ва корхонаҳои инфиродие, ки барномаҳои таҳсилоти томактабӣ, барномаҳои таълимии махсуси соҳаи таҳсилоти томактабӣ, барномаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ барои кӯдакони имконияташон махдудро амалӣ менамоянд, ба низом медарорад.
4. Шӯрои педагогӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ бо мавҷуд будани се корманди педагогӣ таъсис дода мешавад.
5. Вазифаҳои асосии Шӯрои педагогӣ инҳоянд:

-такмил ва рушди раванди таълиму тарбия дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

-муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва роҳҳои амалӣ намудани мундариҷаи таҳсилоти томактабӣ;

-такмили маҳорати касбии коркунони педагогӣ ва рушди иқтидори эҷодии онҳо;

-баррасии масъалаҳои ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои томактабӣ;

-баланд бардоштани сифати таҳсилоти томактабӣ;

-баланд бардоштани нақши системаи ҳифзи саломатии кӯдак дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

-омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва паҳн намудани таҷрибаи пурсамари педагогӣ.

6.Мазмуни фаъолияти Шӯрои педагогӣ бо самтҳои асосии таҳсилоти томактабӣ бо назардошти махсусияти таҳсилоти томактабӣ муайян карда мешавад ва самтҳои зеринро дар бар мегирад:

-муайян намудан ва дар амал татбиқ кардани таълиму тарбияи тарбиягирандагон дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

-таъмини шароити ҳифзи саломатӣ ва равонӣ- педагогӣ бо мақсади таъмини иҷрои барномаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, барномаҳои таълимии таҳсилоти томактабии махсус, барномаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;

-амалӣ намудани кори иттилоотӣ-таҳлилӣ дар асоси дастовардҳои илмӣ-педагогӣ ва таҷрибаи таълимӣ;

-муайян намудани роҳҳои ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оила, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо;

-ҳалли масъалаҳои педагогӣ;

-дигар масъалаҳои соҳаи таҳсилоти томактабӣ.

7-Шӯрои педагогӣ мақоми олии муассисаи таҳсилоти томактабӣ буда, кори худрб дар шакли ҷаласа амалӣ менамояд.

8. Ҷаласаи Шӯрои педагогӣ дар ду моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҷаласаи ғайринавбатӣ гузаронида мешавад.

9. Ба ҳайати Шӯрои педагогӣ тамоми кормандони педагогӣ ва тиббии муассисаи таҳсилоти томактабӣ дохил мешаванд.

10.Дар ҷаласаи Шӯрои педагогӣ намояндагони ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, коркунони педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, намояндагони қонунии тарбиягирандагон иштирок мекунанд. Шахсони ба маҷлис даъватшуда ҳуқуқи дар муҳокимаҳо иштирок кардан ва сухан гуфтанро доранд.

11 .Ҷаласаи Шӯрои педагогӣ бо протоколи ҷаласа ба қайд гирифта мешавад.

12. Роҳбарии фаъолияти Шӯрои педагогиро бевосита раиси Шӯрои педагогӣ, ки мудири кӯдакистон аст,' ба уҳда дорад. Дар сурати набудани мудири кӯдакистон муовини мудир ин вазифаро ба уҳда мегирад.

13. Раиси Шӯрои педагогӣ:

-фаъолияти Шӯрои педагогиро ба роҳ мемонад;

-ҷой ва вақти баргузории Шӯрои педагогиро муайян мекунад;

-ҷаласаи Шӯрои педагогиро мегузаронад;

-реҷаи баромадҳоро тасдиқ мекунад;

-кори аъзоёни Шӯрои педагогиро ҷиҳати омода намудани маводи шӯро ва шиносоӣ ба он ба роҳ мемонад;

-назоратро аз болои иҷрои қарорҳои қабулшуда мунтазам ба роҳ монда, онҳоро таҳлил мекунад ва натиҷаашро дар ҷаласаи оянда баррасӣ менамояд.

14. Ба вазифаи котиби шӯро муовини мудири кӯдакистон ва дар ҳолатҳои набудани вай шахсе, ки аз ҷониби мудир пешниҳод шудааст, таъйин карда мешавад.

15. Котиби Шӯрои педагогӣ:

-фаъолияти ташкилӣ-техникӣ ва омодагӣ барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои педагогиро таъмин мекунад;

-кори методиро ҷиҳати омода намудани мавод ба ҷаласаи Шӯрои педагогӣ ба роҳ мемонад;

-дар хусуси ҷой, вақти баргузорӣ ва рӯзномаи корӣ аъзоёни Шӯрои педагогиро на камтар аз 10 рӯз пеш огоҳ менамояд;

-аъзоёни Шӯрои педагогиро бо мавод ва протоколи ҷаласа шинос мекунад.

16. Аъзоёни Шӯрои педагогӣ ҳуқуқ доранд:

-ба ҷаласаи Шӯрои педагогӣ масъалаҳои характери таълимию тарбиявидошта, аз ҷумла масъалаҳои такмил ва рушди раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти :?томактабиро барои баррасӣ пешниҳод намоянд;

-дар муҳокимаи тамоми масъалаҳои Шӯрои педагогӣ иштирок кунанд, оид ба онҳо пешниҳод манзур намоянд.

17. Аъзоёни Шӯрои педагогӣ вазифадоранд:

-дар ҷаласаи Шӯрои педагогӣ фаъолона иштирок намоянд ва қарорҳои қабулшударо иҷро кунанд;

-маводи ҷаласаро сари вақт омода намоянд;

-дар сурати иштирок накардан дар ҷаласаи Шӯрои педагогӣ бо протокол ва маводи он шинос шуда, имзо монанд.

18. Шӯрои педагогӣ фаъолияти худро дар асоси нақшаи корӣ, ки қисми нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба шумор меравад, ба роҳ мемонад ва онро на дертар аз 1 сентябр дар ҷаласаи якуми Шӯрои педагогӣ тасдиқ мекунад.

19. Дар ҷаласаи Шӯрои педагогӣ меравонанд чунин масъалаҳо баррасӣ шаванд:

-иҷрои қарорҳои ҷаласаи гузашта;

-баланд бардоштани сифати раванди таълиму тарбия;

-таъсиси системаи таъмин ва ҳифзи саломатӣ; -тавсияҳои тиббӣ-психологӣ-педагогӣ;

-фаъолгардонии раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти томактабӣ ва дигар масъалаҳои таҳсилоти томактабӣ.

20. Қарори Шӯрои педагогӣ бо мавҷуд будани аз се ду ҳиссаи овози аъзоёни шӯро қабул карда мешавад. Дар вақти баробар будани овозҳо овози раиси шӯро нақши ҳалкунанда мебозад. Агар аъзои шӯро бо қарори ҷаласа розӣ набошад, метавонад эътирози худро баён намояд. Эътирози ӯ дар протоколи Шӯрои педагогӣ дарҷ карда мешавад.

21. Протокол аз ҷониби котиби шӯро на дертар аз панҷ рӯз баъд аз баргузории ҷаласа дар асоси маводи ҷаласа (реҷаи рӯз, рӯзномаи ҷаласа, мавод ва тавсияҳои методӣ, муроҷиат ва баромадҳо ва ғ.) қайд карда мешавад. Дар протокол раванди баррасии масъалаҳо дар;, Шӯрои педагогӣ ва қарорҳои қабулшуда дарҷ карда мешаванд.

22. Протокол метавонад ҳам ба таври дастӣ ва ҳам ба таври компютерӣ дар доираи талаботи забони давлатӣ ва дар мавридҳои зарурӣ бо забони русӣ навишта шавад.

23. Протокол аз ҷониби котиби шӯро, аъзоёни он ва раиси шӯро имзо карда мешавад.

24. Протокол ва тамоми маводи ҷаласаи Шӯрои педагогӣ дар ҷузвдони махсуси муассисаи таҳсилоти томактабӣ нигоҳ дошта мешавад.

25. Назорат аз болои қайд, баҳисобгирӣ ва ҳифзи протокол ба зиммаи раиси шӯро гузошта мешавад.

Замима

Ба Низомномаи намунавии Шӯрои педагогии

муассисаи таҳсилоти томактабӣ

Номгӯи муассиса

ПРОТОКОЛ

___ №______

(Ҷойи бақайдгирӣ)

Ҷаласаи шӯро

Раис___________________________________

(ному насаб)

Котиб ________________________________

(ному насаб)

Теъдоди аъзоёни шӯро _____нафар

Иштирок доштанд: ________

Рӯзномаи ҷаласа:

1. ________________________________________

(номгӯи масъала)

(шакли баррасӣ, вазифа, ному насаби баромадкунанда)

2. ________________________________________

(номгӯи масъала)

(шакли баррасӣ, вазифа, ному насаби баромадкунанда)

3. ________________________________________

(номгӯи масъала)

(шакли баррасӣ, вазифа, ному насаби баромадкунанда)

1. Шуниданд: ___________________________

(ному насаби баромадкунанда-мазмуни мухтасари мавзуъ, ахборот, иттилоот, баромад)

(мавзуъ, ахборот, иттилоот, гузоришу баромадҳо замима мешаванд)

Баромад карданд: ________________________

(ному насаб -мазмуни мухтасари баромад)

---

Қарор қабул карда шуд:

1.1. _______________________________________

1.2. _______________________________________

Овоз доданд: тарафдор __нафар;

зид_____ нафар;

бетараф___ нафар.

2. Шуниданд: ___________________________

(ному насаби баромадкунанда- мазмуни мухтасари баромад, ахборот, иттилоот)

(матни баромад, ахборот, иттилоот замима мегардад)

Баромад карданд: _____________________

(ному насаб -матни мухтасари баромад)

2.2. _____________________________________

Овоз доданд: тарафдор__ нафар;

зид_____ нафар;

бетараф___ нафар.

3. ШУНИДАНД:_______

(Ному насаби баромадкунанда- мазмуни мухтасари баромад, ахборот, иттилоот

(матни баромад, ахборот, иттилоот замима мегардад)

Баромад карданд: ________________________

(ному насаб -матни мухтасари баромад)

---

Қарор карда шуд:

3.1. ___________________________________

3.2. ___________________________________

Овоз доданд: тарафдор__ нафар;

зид______нафар;

бетараф __нафар.

Раис _______ ____________________

(имзо) (ному насаб)

Котиб ___________________________

(имзо) (ному насаб)

Бо протокол шинос шуданд: ______________

(имзо, таърихи руз)

(ному насаб)

*Агар теъдоди шунавандагон аз 15 нафар зиёд ■ бошад, теъдоди умумии онҳо нишон дода мешавад ва дар нохунак навишта мешавад: «рӯйхат замима мегардад». Ба протокол рӯйхати шахсоне, ки ба ҷаласа даъват шудаанд, замима карда мешавад.